

# ИДИ КАСБӢ МУБОРАК, ТАБИБОНИ АЗИЗ!

*Халқи тоҷик теғи дармонбахши Синоро гирифт,*
*Теғи дармонбахши Сино рӯи дунёро гирифт.*


# ШИФО

№11 (11) 16.08.2018 | Нашрия аз феврали соли 2018 чоп мешавад | www.moh.tj | nashriyai.shifo@mail.ru

Нашрияи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон




## ИФТИТОҲИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ БЕМОРХОНАИ КЛИНИКИИ ШАҲРИИ КАСАЛИҲОИ ПӮСТ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

14 август Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ дар кӯчаи Миралӣ Маҳмадалии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бинои нави Муассисаи давлатии беморхонаи клиникии шаҳрии касалиҳои пӯстро мавриди истифода қарор доданд.

Бунёди бинои беморхонаи клиникии шаҳрии касалиҳои пӯст моҳи апрели соли 2017 оғоз гардид.

Пешвои миллат аснои шиносоӣ бо шароиту имкониятҳои хизматрасонӣ ба корҳои сохтмонии беморхонаи клиникии шаҳрии касалиҳои пӯст баҳои баланд доданд.

Беморхонаи клиникии шаҳрии касалиҳои пӯст аз чор ошёна иборат буда, дорои 69 ҳуҷра, аз ҷумла ҳуҷраҳои корӣ, дарсӣ, китобхонаи электронӣ, бойгонӣ, шуъбаи қабулгоҳи беморон, шуъбаи бемориҳои пӯсти калонсолон, шуъбаи бемориҳои пӯсти хурдсолон, шуъбаи ташхисгоҳ, шуъбаи физиотерапевтӣ ва бахши гиёҳдармонӣ мебошад.

Дар 5 озмоишгоҳи беморхона, аз ҷумла озмоишгоҳи клиникӣ, биохимиявӣ, серологӣ, вирусологӣ ва имунологӣ дастгоҳу таҷҳизоти муосир насб карда шудааст, ки қаблан чунин имконоти ташхису табобат мавҷуд набуд.

Беморхонаи клиникии шаҳрии касалиҳои пӯст ҳамчунин дорои маҷлисгоҳ барои 100 нафар, толори варзишӣ, болобар (лифт) ва 50 кат барои беморон мебошад.

Дар пойгоҳи беморхонаи мазкур кафедраи дерматовенералогияи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибнӣ Сино фаъолият дошта, барои донишҷӯён дар ин ҷо шароити арзанда фароҳам мебошад.

Бахши гиёҳдармонӣ дар фаъолияти беморхонаи клиникии шаҳрии касалиҳои пӯст мавқеъи намоён дошта, тавассути номгуи васеъи гиёҳҳои шифобахш мутахассисон хизматрасониро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мемонанд.

Бинои беморхонаи клиникии шаҳрии касалиҳои пӯст бо системаи гармидиҳӣ, хати озод ва аз сӯхтор огоҳкунанда пайваст мебошад.

Шароити муҳайёгардида, аз ҷумла насби дастгоҳу таҷҳизоти нодири тиббӣ дар беморхонаи мазкур имкон фароҳам меорад, ки хизматрасонӣ ба сокинон дар сатҳи баланд ба роҳ монда шавад.

Дар саҳни бинои беморхонаи клиникии шаҳрии касалиҳои пӯст Пешвои миллат бо кормандони соҳаи тандурустӣ суҳбати озоду самимӣ намуда, таббибонро ба хизматрасонии сатҳи баланд ба аҳолӣ ва иҷрои содиқонаи вазифаи муқаддасашон ҳидоят карданд.

**www.president.tj**


ҶАМЪБАСТИ МУСОБИҚОТИ ВАРЗИШӢ МИЁНИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ
саҳ.2

ОҒОЗИ “ДАҲАИ КУМАК ВА ДАСТГИРИИ СИНАМАКОНӢ” ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
саҳ.3

ДАҲСОЛАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АМАЛ «ОБ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР», 2018-2028 - ЗАМИНАГУЗОРИ АЗ БАЙН БУРДАНИ ТАҲДИДҲО
саҳ.5

ДАР МУБОРИЗА АЛАЙҲИ БЕМОРИИ СИЛ НАБОЯД ШИКАСТ ХӮРД!
саҳ.7


### Сухани Пешвои миллат

Тоҷикистони мо дорои неъматҳои бебаҳои табиӣ – обҳои табобативу гиёҳҳои шифобахш буда, муҳит ва табиати кишварамон барои рушди соҳаи дорусозӣ ва бунёди истироҳатгоҳҳо дар мавзеи обҳои шифобахш бисёр мувофиқ мебошад.

### Рӯзгору осори Ибни Сино

Миллати сарбаланди тоҷик дар дарозои таърихи чандҳазорсолаи худ барои ҷаҳониён фарзандони фарзонаеро ҳадя намудааст, ки бешак нафъу нақши онон то имрӯз пойбарҷост. Ба таъбири дигар, чунончӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфтаанд: - “Миллати тамаддунофари тоҷик бо донишу хиради азалии фарзандони фарзонаи худ сахтиву талхиҳои таърихро паси сар намуда, то имрӯз омада расидааст”. Ин нукта, албатта, ба ҳамадони тоҷик, ҳакиму табиби ҳозиқ Абуалӣ ибни Сино низ алоқаманд аст. Ибни Сино яке аз бузургтарин нобиғаҳои ҷаҳонӣ дар ҳамаи давру замонҳо, олими забардасту пизишки нотакрор буд, ки дар охири садаи X ва ибтидои қарни XI зиста, дар соҳаҳои ниҳоят гуногуни илм, хусусан, дар инкишофи фалсафа ва тибби дунё саҳми босазое гузоштааст. Вай парвардаи муҳити фарҳангии Сомониён буд, вале баъди пош хӯрдани ин давлати мутамарказ қисми зиёди умраш ро дар гирдоби ҳодисаҳои мудҳиши нимаи аввали асри XI сипарӣ намуд. Ӯ гоҳ чун табибу файласуф, баъзан ба сифати фақеҳу вазир, чун надими хоси подшоҳону маликон,


*Идома дар саҳ.4*

## ИДИ КАСБИАТОН МУБОРАК, КОРМАНДОНИ ТИБ!




**18 - август ҷашни зодрӯзи олими бузург, файласуф ва ҳакими тоҷик Абуалӣ ибни Сино, иди касбӣ - "Рӯзи кормандони тибби Ҷумҳурии Тоҷикистон"**

# ТАБРИКОТИ вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Олимзода Насим Хоҷа

### Ҳамкасбони гиромӣ!

Иди касбии кормандони тиб, ки ҳамасола дар рӯзи мавлуди алломаи Машрикзамин Абуалӣ ибни Сино ҷашн гирифта мешавад, имсол ба арафаи ҷашни «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», иди 27-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 85-солагии Иттифоқи касабаи кормандони тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон рост омад.

Бо истифода аз фурсати муносиб иди касбии кормандони тибро ба кулли кормандони соҳа, ки воқеан наҷотбахшу нигаҳбони тану ҷони инсонҳоянд ва дар симои онҳо ба тамоми ҳамдиёрон самиман табрикот гуфта, ба ҳамагон саодати рӯзгору бахту иқболи баланд таманно дорам.

Имрӯз соҳаи тандурустӣ дар кишвар таҳти сиёсати хирадмандонаву дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастгириҳои пайвастаи Ҳукумати мамлакат дар доираи корҳои шоёни кормандони соҳаи тиб ба тариқи назаррас рушд намудааст. Табибони кишвар бахри беҳтар намудани саломатии мардум, баланд бардоштани сифати хизматрасонии тиббӣ шоиста меҳнат намуда, бо дасти мӯъҷизакор, ақли гиро, сухани нек ба мардум саломатӣ ва умри дубора мебахшанд.

Воқеан, дар таъриху фарҳанги халқи тоҷик соҳаи тиб мақоми шоиста дошт ва хазинаи тибби халқи тоҷик ғаниву беназир ташаккул ёфтааст. Тӯли қарнҳо ниёгони донишманди мо, ба мисли Закариёи Розӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ ва даҳҳо бузургмарди дигар ганҷинаи бебаҳои тибби ҷаҳониро ба вуҷуд овардаанд.

Имрӯзҳо дастовард ва пешравиҳои соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар низ эътироф гашта, табибони муосири мо ворисони арзандаи гузаштагони худ ҳастанд.

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзии иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри беҳтару дастрастар гардидани хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ ва ҷиҳати рушди соҳаи тандурустии мамлакат тамоми тадбирҳои амалиро андешида, бахри ноил шудан ба дастовардҳои нав ба нави соҳа кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Бо итминони комил метавон гуфт, ки кормандони соҳаи тандурустии ҷумҳурӣ минбаъд низ дастовардҳои худро афзун намуда, бахри саломатии аҳолии кишвар шоиста меҳнат менамоянд.

Бори дигар кулли табибони ҷумҳуриро ба муносибати иди касбӣ табрик гуфта, барои якояки онҳо шафқату ҳамдилӣ, комёбиҳои беназир, хизмати шоиста ба мардум, дар ҳаёти шахсӣ – бахту саодат ва файзи рӯзгор хоҳонам.

**Идатон хуҷаста бод, ҳамкасбони азиз!**

## ҶАМЪБАСТИ МУСОБИҚОТИ ВАРЗИШӢ МИЁНИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ

Санаи 04 августи соли равон дар майдони варзишии Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Шифобахш", маросими ботантанаи ҷамъбасти мусобиқоти варзишии ташкилнамудаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт.

Маврид ба таъкид аст, ки мусобиқаи дувоздаҳуми футболи хурд миёни дастаҳои мардона ва мусобиқаи шашуми волейбол байни дастаҳои занонаи муассисаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санаи 30 июни соли ҷорӣ оғоз гардида буд. Иқдоми мазкур дар доираи тарғиби ташаккули тарзи ҳаёти солим, бахшида ба эълон гардидани соли 2018 «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», ҷашни зодрӯзи олим, файласуф ва ҳакими тоҷик Абуалӣ ибни Сино, иди касбӣ – «Рӯзи кормандони тибби Ҷумҳурии Тоҷикистон», "85-солагии Иттифоқи касабаи кормандони тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва ҷашни 27-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯи даст гирифта шудааст.

Дар арафаи ҷамъбасти мусобиқот Насим Олимзода, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Аҳтам Абдуллозода раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардорони муассисаву идораҳои мухталифи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва кормандони ин ниҳод иштирок намуданд.

Дар рафти ҷамъбасти мусобиқоти зикргардида вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Насим Олимзода суханронӣ намуда, аз ҷумла изҳор намуд, ки: - "Маҳз бо сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон



муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯзҳо варзиш дар Тоҷикистон рушд намуда, дар заминаи он солимии аҳолӣ нигоҳ дошта шудааст. Дар ин росто Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷиккистон, ки самти аслии фаъолияташ бевосита ба солимии аҳолӣ ва ҷорӣ намудани усулҳои тарзи ҳаёти солим равона гардидааст, ҳамасола миёни кормандони муассисаҳои зертобеи худ чорабиниҳои варзиширо ба роҳ менонад".



Дар чорабинии мазкур Насим Олимзода ба ғолибон мукофот ва тӯҳфаҳои хотиравӣ тақдим карда, кулли ҳозиринро бори дигар ба эълон гардидани соли 2018 «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», ҷашни зодрӯзи олим, файласуф ва ҳакими тоҷик Абуалӣ ибни Сино, иди касбӣ – «Рӯзи кормандони тибби Ҷумҳурии Тоҷикистон», "85-солагии Иттифоқи касабаи кормандони тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон" табрик намуд.

**www.moh.tj**

# Оғози “Даҳаи кумак ва дастгирии синамаконӣ” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳамасола аз 1 то 10 август дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маъракаи “Даҳаи кумак ва дастгирии синамаконӣ” гузаронида мешавад. Бахшида ба ин сана, ҳар сол дар тамоми муассисаҳои тандурустӣ вохӯриҳо ва чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ таҳти шиорҳои гуногун сурат мегирад. Соли 2018 дар Ҷумҳуриии Тоҷикистон маъракаи “Даҳаи кумак ва дастгирии синамаконӣ” таҳти шиори «Синамаконӣ – асоси ҳаёт» баргузор хоҳад шуд.



Ҳамин аст, ки 1 август дар доираи маъракаи “Даҳаи кумак ва дастгирии синамаконӣ” дар маҷлисгоҳи меҳмонхонаи “Серена” зери унвони «Синамаконӣ – асоси ҳаёт” ҷамъомади хосса баргузор гардид.

Чорабинии мазкурро Саида Умарзода, муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ намуда, дар кори он намояндагони Хазинаи кӯдакони СММ – ЮНИСЕФ ва дигар шарикони рушд, сардорони раёсатҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони доираи васеи ВАО-и кишвар иштирок намуданд.

Саида Умарзода, зимни сухани ифтитоҳии хеш вобаста ба зарурати гузаронидани маъракаи “Даҳаи кумак ва дастгирии синамаконӣ” муфассал суханронӣ намуда, аз ҷумла иброз дошт, ки; “мақсади асосии гузаронидани ин чорабинӣ баланд бардоштани сатҳи малака ва дониши кормандони тиб ва аҳолӣ нисбат ба дуруст ғизо додани кӯдакон, зиёд намудани дониши падару модарон нисбат ба тарбия ва ғизодиҳии кӯдакон, дастрас намудани маводи тарғиботию ташвиқотӣ оид ба моҳияти шири модар, тарзҳои дурусти синамаконӣ, омӯзонидани занҳои ҳомила ва занҳои ширмакон дар муассисаҳои тиббию профилактикӣ мебошад”.

Саида Умарзода инчунин иброз намуд, ки дар асоси ҳисоботи пешакии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум карда шудааст, ки барои таъмини кӯдак то синни 6-моҳагӣ бо маводи омехтаи гуногуни ғизоӣ, барои дастрас намудани ғизоҳои сунъӣ маблағҳои калон лозим аст. Барои як кӯдакро аз таваллуд то ба синни 6-моҳагӣ ғизо додан 56 қуттӣ ғизои сунъӣ лозим аст, агар ҳар қуттӣ 70 сомониро ташкил диҳад, пас дар 6 моҳ 3 ҳазору 920 сомонӣ лозим мегардад. «Аз ин лиҳоз, кӯдаконро худро бо шири сина ғизо диҳед, чунки беҳтарин ғизо барои кӯдак ин шири модар мебошад. Ҳар як инсон дар ҳаёташ як бор имконият дорад, ки шири модарро истеъмол намояд, ин ҳам бошад дар давраи то ду солагӣ.

Дар чорабинии мазкур, ҳамзамон қайд гардид, ки аз рӯи таҳлилҳои гузаронидашуда кӯдаконе, ки ғизои сунъӣ истеъмол мекунанд, то 10-15 маротиба бештар ба бемориҳои сироятии меъдаю рӯда ва бемориҳои шадиди роҳҳои нафас гирифтор мешаванд.

Саида Умарзода, инчунин дар суханронии хеш гуфт: -“Дар ҷумҳурӣ вазъи саломатии кӯдакон, фавт дар байни онҳо то синни 1-2 солагӣ ва бахусус аз бемориҳои дарунрав (бемориҳои сироятии меъдаю рӯда) ва бемориҳои сироятии шадиди роҳҳои нафас яке аз масъалаҳои ҳалталаби соҳаи тандурустӣ мебошад. Тадқиқотҳо собит сохтаанд, ки бемориҳои дар боло зикршуда беш аз ҳама дар байни кӯдакони синни бармаҳал вомехӯранд, ки ба таври сунъӣ ё омехта ғизо мегиранд. Сабаби он дар рӯзҳои аввал ва дар давоми то 6 моҳи аввали ҳаёти худ бо воситаи иловагии ғизохӯрӣ ва нӯшидан (шиша, пистонак ва дигар омилҳои сироятёфта) алоқа доштани навзод ва ҳамчунин аз пистони модар маҳрум будани ӯ мебошад.

Бояд зикр намуд, ки Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ моҳияти ин масъаларо ба назар гирифта, ҳанӯз соли 1994 дар соҳаи дастгирӣ ва ёрӣ дар синамаконии атфоли навзод корро оғоз карда буд. Аз соли 1998 сар карда, дар тамоми таваллудхонаҳои ҷумҳурӣ 10 принсипи бомуваффақияти синамаконии атфол ҷорӣ шуда истодааст. Соли 1999 аввалин маротиба дар ҷумҳурӣ Таваллудхонаи шаҳрии №1-и шаҳри Душанбе (собиқ №3) соҳиби Сертификати умумиҷаҳонии «Муносибати некбинона нисбат ба атфол» гардид. Ҳамин тариқ, 58 муассисаи табобатию профилактикии ҷумҳурӣ дорои ин сертификат мебошанд. 90-95 фоизи навзодоне, ки дар ин таваллудхонаҳо таваллуд мешаванд, дар давоми 30 дақиқаи баъди таваллуд ба онҳо шири модар дода мешавад, зикр кард Ш. Рахматуллоев.

Маврид ба зикр аст, ки дар ширҳои сунъӣ миқдори намакҳои натрий, калсий ва фосфор хеле зиёданд, ки ин ба организми кӯдак лозим нест. Ба қадри лозима дар таркиби ғизоҳои сунъӣ витаминҳо, чарбҳои зудҳалшаванда ва сафедаҳо вуҷуд надорад, агар бошад ҳам дар вақти пӯхтани шир онҳо вайрон мешаванд. Сафедаҳои систин ва таурин, ки барои инкишофи мағзи сари кӯдак лозиманд, дар таркиби ширҳои сунъӣ нестанд. Дар таркиби шири ҳайвонот линоре, ки барои ҳал намудани чарбҳо лозим аст, вуҷуд надорад. Сафедаи шири гов – казеин дар меъдаи кӯдак хеле дер ҳазм мешавад, аз ин рӯ кӯдак гуруснагиро ҳис намекунад. Дар бисёр мавридҳо ширҳои сунъӣ сабаби бемориҳои аллергикӣ низ мешаванд.

Аммо дар як вақти муайян танҳо шири модар наметавонад ҳамаи талаботи инкишофи кӯдакро қонеъ гардонад, дар он сурат масъалаи додани ғизои иловагӣ ба миён меояд. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тавсия медиҳад, ки ғизои иловагӣ аз 6 -моҳагӣ бояд оғоз шавад, чунки дар ин синну сол ба кӯдак миқдори зиёдтари моддаҳои минералӣ, сафедаҳо, карбогидратҳо, витаминҳо зарур аст. Дар тамоми мӯҳлати ворид намудани ғизои иловагӣ бояд шири модар намуди асосии ғизо боқӣ монад, ки кӯдаки ширмак онро истеъмол менамояд.

Саида Умарзода, ҳамзамон зикр намуд, ки “Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки стратегия ва нақшаи коммуникатсионии «1000 рӯзи тиллоии аввали ҳаёти кӯдак» -ро бо дастгирии Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид ва шарикони рушд таҳия намояд. «1000 рӯзи тиллоии аввали ҳаёти кӯдак» ин аз рӯзи ҳомиладорӣ то синни 2-солагии кӯдакро дарбар мегирад, ки ғизои солим, нигоҳубини мувофиқ, инкишофи ҷисмонӣ, ақлонӣ-рӯҳии кӯдаконро тақозо менамояд”.

**Суғдмеҳри МАЪРУФЗОД**

# ИН НАВБАТ “КОРВОНИ САЛОМАТӢ” БА БАДАХШОН БО ДАСТОВЕЗ САФАРБАР ГАРДИД



Бо мақсади таъмини сатҳи сиҳатии сокинон ва пешгирии гирифторшавии аҳолӣ ба маризиву бемориҳои мухталиф, инчунин баланд бардоштани фарҳанги тиббии ҷомеа санаи 06 августи соли равон “Корвони саломати”-и навбатии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон сафарбар карда шуд.

Аз рӯи барнома “Корвони саломатӣ” то ба санаи 09 августи соли ҷорӣ ба аҳолии вилоят хизмати ройгони тиббӣ расона, он дар доираи татбиқи ҳадафҳои бунёдии барномаи «Дурнамои пешгирӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013 — 2023» роҳандозӣ гардидааст.

“Корвони саломати”-ро Насим Олимзода, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ намуда, дар кори он сармутахассисони соҳавии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони муассисаҳои тиббии ҷумҳуриявӣ, устодони баландпояи муассисаҳои олии таълимии тиббии ҷумҳуриявӣ ва дигар мутахассисони ботаҷрибаи муассисаҳои ташхисиву табобатӣ сафарбар карда шуданд.

«Корвони саломатӣ» ба зиёда аз 3000 нафар сокинон хизмати ройгони тиббӣ расонида, он дар 3 самт – дар самти аввал ба мардуми шаҳру ноҳияҳои Мурғоб, самти дуюм-Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон ва самти сеюм Хоруғ, Ишкошим, Шуғнон хизмати ройгони тиббӣ расонид.

Маврид ба зикр аст, ки “Корвони саломатӣ” таҳти шиори “Аз ташхиси вирусӣ норасоии масунияти одам “ВНМО” гузар, аз солимии худ огоҳ бош” баргузор гардид.

Дар рафти баргузории “Корвони саломатӣ” Насим Олимзода ба аҳолии вилоят, наклиёти флюографияи рақамии сайёр, ки бо дастгирии бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон харидорӣ гардидааст, тақдим намуда, ба кулли сокинони он тансиҳатӣ ва солимии комилро таманно кард.

Гуфта мешавад ин таҷҳизоти рақамии рентгенӣ нисбат ба таҷҳизоти қаблӣ бартарии зиёд дорад. Таъсири нурҳои рентгенӣ ба узвҳои бадани инсон 90 фоиз кам гардида, бемор метавонад дар як сол чанд маротиба аз рентген гузарад. Мӯҳлати ташхис бошад, ҳамагӣ чанд сонияро дар бар мегирад ва сатҳи сифати тасвир низ баланд мебошад.

Дар баробари ташхису табобати ройгон, инчунин «Корвони саломатӣ» барои ниёзмандон «Гӯшаи гиёҳдармонӣ» ташкил намуд.

www.moh.tj

# Рӯзгору осори Ибни Сино



*Идома аз саҳ.1*

ҳатто замоне чун зиндонӣ ҳаёт ба сар бурдааст. Новобаста ба садрангии гардиши рӯзгор ӯ лаҳзае аз омӯзиш даст накашида, мудом пайи озмоишу пажӯҳиш буд.

Баръакси бисёре аз бузургони гузашта, ки аз зиндагии онҳо маълумоти аниқе дастрас нест, санаҳои зиёде аз рӯзгори Абуалӣ ибни Сино маълум аст. Рӯзгор ва саргузашти Сино аз сӯйи шогирди вафодораш Абуубайди Фақеҳии Ҷузҷонӣ навишта шудааст. Воқеаву ҳодисаҳои 25 соли охири умри Синоро Абуубайд, ки ҳамеша ҳамроҳи устод ва шоҳиди рухдодҳо буд, навиштааст, ки ин имло бо номи «Рисолаи саргузашт» маълум буда, дар асли арабӣ ва тарҷумаҳо ба забонҳои гуногун чандин бор ба табъ расидааст. Падари Абуалӣ Абдуллоҳ ибни Ҳасан ибни Алӣ ибни Сино ном дошт ва аслан зодаи шаҳри Балх буд. Вай дар замони Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ (976-997) ба Бухоро омада, дар деҳаи Афшана (Рометани имрӯза) ба кори мулкӣ шуғл варзид. Вай дар деҳаи Афшана бо Ситорабону ном деҳқондухтар хонадор шуд. 18 августи соли 980 дар ин оила писаре ба дунё омад, ки ӯро Ҳусайн ном ниҳоданд. Соли 985 оилаи Ибни Сино, вақте ки ӯ панҷсола буд, аз Афшана ба Бухоро кӯчид. Абдуллоҳ, ки аз шахсони фозил ва маърифатдӯст буд, Ҳусайнро ба мактаб монд. Вай аз синни 5-солагӣ то 10-солагӣ дар мактаб хонда, хату савод баровард, сарфу наҳви забони арабиро омӯхт, илмҳои адабиётро аз худ кард. Ниҳоят Ҳусайн Қуръонро омӯхта, онро ҳифз намуд.

Пас аз ҳифзи Қуръон Ибни Сино лақаби “шайх”-ро гирифт, зеро ҳар касе, ки Қуръонро аз ёд мекард, ӯро сарфи назар аз синну солаш шайх мегуфтанд. Сипас, Абдуллоҳ писари худро аз мактаби ибтидоӣ гирифта, назди муаллимони хусусӣ гузошт, ки онҳо асосҳои илмро ба ӯ омӯзониданд. Ибни Сино аз ҷиҳати ҷисмонӣ бенуқс, дар ҳусну хулқ зебо буд, зеҳни бурро ва истеъдоди баланд дошт, ки аз ин омӯзгорон ба ҳайрат мемонданд. Дар он овон Ҳусайнро падараш назди Абдуллоҳи Массоҳ, ки аз донишмандони соҳаи ҳисоб ва ҳандаса буд, ба шогирдӣ гузошт. Ибни Сино аз устодаш дар андак вақт ҳисобу ҳандасаро омӯхта, дар омӯзиши ин илм муваффақ шуд. Бар замми ин, Ибни Сино дар назди Исмоили Зоҳид ду сол ба омӯхтани тафсири Қуръон, ҳадисҳои пайғомбари ислом ва фиқҳ мепардозад. Ба ҳамин тариқ, ӯ то 12-солагӣ дар тафсир, ҳадис ва фиқҳ маҳорат пайдо кард. Вай ҳамеша чун беҳтарин толибилм эътироф мегашт. Шеваи баҳс, одоби музокира, тарзҳои эътироф ба ҳариф ва ҳусни муҳовараро нағз омӯхта буд. Мустақилияти фикр, андешаи фарох ва бодалел сухан рондан хоси ин навҷавони дар роҳи илм пешрав буд. Дар масъалаҳои маслаку мафкура ӯ мустақилияти худро ҳатто аз падари хеш ҳам нигоҳ медошт. Баъди фаро гирифтани маълумоти миёна, Ибни Сино аз пайи такмили донишу маърифат гашт.

Ибни Сино то 15-солагӣ илмҳои табииёт, илоҳиёт, фалсафа, ҳикмати илоҳӣ, нуҷум, мусиқии назарӣ, геометрия ва математикаро мустақилона омӯхта, дар 16-солагӣ ба омӯхтани илми тиб машғул шуд.

Абӯалӣ илми тибро аз Абумансур Ҳасан Камарии Бухорой, ки табиби дарбори Нӯҳ ибни Мансур буд, омӯхт. Аслан омӯзиши илми тибро ӯ дар 12-солагӣ шурӯъ карда буд, вале ба маслиҳати Абусаҳли Масеҳӣ аз идомаи таҳсил худдорӣ намуда, чанде таваққуф намуд. Ҳамин тариқ, Абуалӣ дар 16-солагӣ чун як табиби ҳозиқ дар тамоми Бухоро шинохта шуд. Ҳамчунин ба такмили дониши худ дар соҳаи илми фиқҳ, мантиқ, фалсафа, табиатшиносӣ, риёзиёт ва илми илоҳӣ баргашта, дар муддати якуним сол донишу малакаи худро дар ин самт мукаммал намуд. Абуалӣ шахси ниҳоят пуркор, ҷиддӣ ва меҳнатдӯст буд. На танҳо ақли расо ва қобилияти баландаш боиси пешрафти илмӣ ва маънавии ӯ мешуд, балки кӯшиши амиқ, сабру тоқат ва ҷаҳду талошҳояш низ воситаҳое буданд, ки пирӯзӣ ва комёбиҳои маънавии ӯро таъмин мекарданд. Чунончӣ худи Сино доир ба таҳсили илм мегӯяд: - «Ягон шаб пурра нахуфтаам ва рӯзона ба ҷуз омӯхтани илм ба коре машғул нашудаам».

Абуалӣ то 18-солагӣ тамоми донишҳои расмӣ ва ғайрирасмии замони худро фаро гирифта, пешсафи бузургтарин олимони маърифи давр эътироф гардид. Шайхурраис худ эътироф мекунад:

“Чун ба 17-солагӣ расидам, аз омӯхтани ҳамаи илмҳо фориғ шудам. Он рӯз дар илм беҳтарин ҳифзкунанда будам, имрӯз пухтатар шудам, вагарна илм як хел буда, аз он чизе дар ман дигаргун нашудааст”.

Албатта, бо он ҳама донишу заковат ва хиради воло Абуалӣ ибни Сино ҳақ дошт, ки он вақт бигӯяд:

***Аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал,***
***Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал.***
***Берун ҷастам зи қайди ҳар макру ҳиял,***
***Ҳар банд кушода шуд, магар банди аҷал.***

Ибни Сино дар дунё аз пурмаҳсултарин олимон ва адибон эътироф гаштааст. Фаъолияти эҷодии вай аз 17-18 солагиаш дар солҳои 996-997 шурӯъ шуда, расо 40 сол давом кардааст. Ӯ осори насриву назмиашро ҳам ба забони арабӣ ва ҳам ба тоҷикӣ эҷод кардааст. Сабаби бисёре аз асарҳои худро ба забони арабӣ навиштани Абӯалӣ он аст, ки забони арабӣ дар он замон ҳамчун забони илму маданият шинохта шуда буд. Ҳамчунин китобҳои зиёди илмию ахлоқии юнонӣ, ибронӣ, ҳиндӣ ва паҳлавӣ ба забони арабӣ тарҷума шуда, истилоҳоте, ки мафҳумҳои илмиро ифода мекарданд, дар ин забон устувор гардида буданд. Забони арабӣ барои ҳамаи донишмандони асрҳои X-XI фаҳмо буд, дарси мадрасаҳо ба ин забон мегузашт. Осори Абуалӣ ниҳоят зиёд аст. Аз рӯйи тадқиқ ва ҳисоби донишмандони муосир шумораи асарҳои Абуалӣ, ки то ҳол маълум шудааст, ба 456 адад мерасад. Дар китобхонаҳои давлатӣ ва шахсии олам 162 асари ӯ нигоҳ дошта мешавад, аз ҷумла, 23 асари вай бо забони модариаш, яъне тоҷикӣ эҷод шудааст. Ҳамчунин як миқдор шеърҳои тоҷикии Абуалӣ низ ба замони мо расидаанд. Осори Ибни Сино аз ҷиҳати ҳаҷм хеле гуногун буда, аз рисолаҳои мухтасар то асарҳои чандинҷилдаро ташкил медиҳанд. Асари «Китобу-л-инсоф», ки аз байн рафтааст, дар 20 ҷилд, «Алҳосил в-ал-маҳсул» дар 20 ҷилд, «Китобу-ш-шифо» дар 18 ҷилд, «Лисону-л-араб» дар 10 ҷилд, «Ал-Қонун» дар 5 китоб, «Наҷот» дар 3 ҷилд эҷод шудаанд. Кулли ин осори номбурда дар инкишоф ва такомили илмҳои мавҷуда нақши сазовор гузошта, то кунун арзиши бузурги таърихӣ, маданӣ ва илмӣ доранд. Аз ҷумла, китоби “Ал-Қонун”, ки ба забони арабӣ таълиф шудааст, то кунун ба забонҳои бузурге чун лотинӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, англисӣ, ибрӣ, форсӣ ва урду тарҷума шудааст.

“Ал-Қонун” тақрибан 800 сол дар Ғарб як китоби гаронарзиш ва асосии тиббӣ буд. Яке аз муҳаққиқони ҳиндӣ хулосаву ва шарҳҳоеро, ки барои ин китоб навишта шудаанд, ҳисоб карда, мӯътақид аст, ки беш аз 200 шарҳу хулоса бар ин китоб навишта шудааст.

Баъд аз шарҳҳои Қуръон ва шарҳҳое, ки бар китобҳои Муҳиддин ибни Арабӣ навишта шудааст, китоби “Ал-Қонун” сеюмин ҷойгоҳро соҳиб гаштааст.

Олими машҳур Виллиям Ослер (William Osler, 1849-1919), падари тибби муосир, китоби “Ал-Қонун”-ро Инҷили тиб ва Ибни Синоро муаллифи машҳуртарин китоби дарсӣ, ки то он замон навишта шуда буд, медонад.

Тамоми асарҳои Синоро метавон ба 4 гурӯҳ тақсим кард:

1. Асарҳо доир ба ҳикмат, фалсафа, ахлоқ ва мантиқ.
2. Асарҳо оид ба тиб.
3. Асарҳо доир ба илмҳои дақиқ.
4. Асарҳо роҷеъ ба забону адабиёт ва санъат.

Бисёре аз асарҳои Сино танҳо роҷеъ ба як соҳа ихтисос наёфта, балки чандин илмро фаро мегиранд. Масалан «Донишнома» аз бобҳои Мантиқ, Илоҳиёт, Табииёт, Ҳайат ва Мусиқӣ таркиб ёфтааст.

Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик Ибни Сино ҳамчун шоири ориф эътироф гардидааст ва муҳимтарин қисмати осори адабии ӯро шеърҳо ташкил медиҳанд. Қасида ва ғазалҳои шоир тасаввуфӣ ва ахлоқианд, вале рубоиҳои Сино шоирона садо додаанд. Андешаҳои ҳикматомӯзи шоир дар ашъораш ба таври равшан инъикос шуда, муносибати иҷтимоӣ ва шахсияти шоирро рӯнамо месозанд.

Рӯзгори пурмаҳсулу осори гаронбаҳои Ибни Синоро наметавон дар як-ду саҳифаи китобу рӯзнома шарҳ дод ва аз ин рӯ, ҳоло бо ҳамин навиштаи маҳдуд иктифо мекунем ва иттилои бештарро дар шумораҳои баъдина ба хонандагони азиз пешниҳод хоҳем кард.

Дар кишвари азизи мо Тоҷикистон барои гиромидошти Абуалӣ ибни Сино Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Ибни Сино - ҷоизаи олии ҷумҳуриявӣ дар соҳаи илму техника (1 марти соли 1967) таъсис дода шудааст. Акси Ибни Сино дар пули миллии кишвар инъикос ёфтааст ва номи ӯ ба майдону хиёбонҳо, маҳаллаву ҷамоатҳо ва кӯчаҳо гузошта шудааст, пайкараву нимпайкараҳои ӯ дар гӯшаҳои гуногуни диёр қомат афрохтаанд. Барои арҷгузорӣ ба ин табиби ҳозиқ ба Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон номи Абуалӣ ибни Сино ниҳода шудааст. Саранҷом, иди касбии кормандони соҳаи тибби кишвар рӯзи 18 август, яъне дар зодрӯзи Шайхурраис Сино таҷлил карда мешавад, ки нишони шоиставу волои арҷгузорӣ ба ин шахсияти бузурги миллат аст.

Дар анҷом, зодрӯзи Синову иди касбии табибонро ба тамоми кормандони соҳаи тибби ҷумҳурӣ сидқан таҳният мегӯем. Орзумандем, ки ворисони сазовори Ибни Сино ва мудом дар хидмати миллати сарбаланди тоҷик бошанд. Идатон муборак, табибони арҷманд!

**Эҳсон ТУРСУНОВ**

# ДАҲСОЛАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АМАЛ «ОБ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР», 2018-2028 - ЗАМИНАГУЗОРИ АЗ БАЙН БУРДАНИ ТАҲДИДҲО




Мувофиқи таҳқиқоти олимон имрӯз дар ҷаҳон 1 миллиарду 200 миллион нафар инсонҳо дар минтақаҳое зиндагӣ мекунанд, ки аз ҷиҳати дастрасӣ ба оби тоза танқисӣ мекашанд. Ин дар ҳолест, ки мувофиқи тахмини коршиносони соҳа то соли 2050 аллакай дастрасӣ ба захираҳои об аз 25 то 30 дарсад кам мешавад. Бо дарки ин ҳолат, имрӯз норасоии оби ошомиданӣ ба яке аз мавзӯъҳои мавриди омӯзиш ва муҳими ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Агарчӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои зиёди оби ошомиданист, вале ҳамчун ҷузъи ҷудоинопаризи ҷомеаи ҷаҳонӣ мушкилоти кишварҳои дигарро мушкилоти худ дониста, дар ҳалли проблемаҳои умумиҷаҳонӣ худро дар канор нагузоштааст. Ҳамин аст, ки тахти сарварии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷониби Тоҷикистон Қатъномае тахти унвони Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», барои солҳои 2018-2028 пешниҳоди Созмони Милали Муттаҳид гардид, ки он аз сӯйи ин созмони бонуфузи ҷаҳонӣ ва кишварҳои сайёра дар муддати кӯтоҳ ҷонибдорӣ ёфта, мавриди амал қарор дода шуд.

Маврид ба тазаккур аст, ки санаи 21 декабри соли 2016 Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қатъномаи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», барои солҳои 2018-2028 қабул намуд.

Эълон гардидани даҳсолаи дуюми байналмилалӣ таҳти унвони «Об барои рушди устувор», барои солҳои 2018-2028, ки ташаббуси ҷоруми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи об мебошад, собит намуд, ки Тоҷикистон ҳамчун кишвари соҳибистиқлол ҳамеша ба ҳалли мушкилоти глобалӣ, хусусан таъмини сайёра бо оби тозаи ошомиданӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд.



Зимни таҳлилу баррасии ин мавзӯи мубрам маълум гардид, ки об ва норасоии он ба қисме аз таҳдиду хатарҳои муосири имрӯзаи ҷаҳонӣ, аз қабили бӯҳрони молиявию иқтисодӣ, афзоиши аҳолӣ, тағйири иқлим, зуд-зуд рух додани ҳодисаҳои офатбори гидрометеорологӣ, норасоии об ва дар натиҷа, боло рафтани сатҳи камбизоатӣ, густариши бемориҳои сироятӣ алоқаманд буда, ҳадафу вазифаҳои Даҳсолаи дуюми байналмилалӣ «Об — барои рушди устувор», ки идомаи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об — барои ҳаёт» мебошад, бо роҳҳои такмили механизмҳои ташаккул ва паҳн намудани дониш, осонгардонии дастрасӣ ба дониш ва табодули иттилоот оид ба таҷрибаи пешрафта, гирифтани иттилои нави алоқаманд ба ҳадафҳои рушди устувори марбут ба захираҳои об, амалӣ намудани фаъолияти иттилоотии фаҳмондадиҳӣ, дастрасии аҳолии сайёра ба оби нӯшокӣ ва шаффофияти экологиро дар бар гирифтааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки вобаста ба афзоиши аҳолӣ, тараққиёт ва васеъшавии истеҳсолот, мураккабшавии ҳолати экологӣ ва ифлосшавии муҳити зист, аз ҷумла, захираҳои обӣ ва истифодаи он аз сарчашмаҳо боиси кам шудани обҳои нӯшокӣ гардидааст. Нишондиҳандаҳои омории ҷаҳонӣ тасдиқ менамоянд, ки имрӯз дар курраи Замин зиёда аз 2 млрд. нафар аз обҳое истифода мебаранд, ки ба талаботи тозагию беҳдоштӣ ҷавобгӯ нестанд. Агар ин раванд идома ёбад, ба андешаи мутахассисону коршиносони соҳа, баъди 20-25 сол аз нисф зиёди аҳолии сайёра ба норасоии захираҳои оби нӯшокӣ дучор мегарданд. Аз рӯи таҳлили коршиносону олимони соҳаи тандурустӣ қариб 50 дарсади бемориҳои сироятие, ки имрӯзҳо миёни башарият доман паҳн намудаанд, маҳз аз ҳисоби истеъмоли обҳои ифлос ва барои нӯшидан номуносиб сар мезананд. Даҳсолаи дуюми байналмилалӣ «Об — барои рушди устувор» низ маҳз ба ҳамин ҷанбаҳои хатарзо диққати ҷиддӣ зоҳир намуда, ҷомеаи ҷаҳониро ба ҳалли мушкилоти ивазшавии қабати озонӣ ва тағйирёбии иқлими сайёра, таъминоти аҳолии курраи Замин бо оби нӯшокӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ва ҳолати экологии муҳити зист, кам кардани исрофи об, пешгирии ифлосшавии он, истифодаи самараноки захираҳои обӣ даъват менамояд.

Мувофиқи таҳлилҳо имрӯзҳо ҷаҳон ба мушкилоти зиёди марбут ба об мувоҷеҳ мебошад. Истифодаи нодурусти об дар соҳаи кишоварзӣ, ки 70 фисади захираҳои обро ташкил медиҳад, ба шӯршавии тақрибан 20 дарсади заминҳои обёришуда оварда расонидааст, ки дастёбӣ ба амнияти озуқавориро дар оянда зери хатар мегузорад, зеро айни замон наздики 60 фисади захираҳои озуқаи ҷаҳонӣ маҳз тавассути обёрии кишоварзӣ истеҳсол карда мешаванд. Мудирияти беҳтари об, истифодаи самараноки захираҳои об, тавсеаи ҳамкориву ширкат, тақвияти амалҳои зеҳниву молиявӣ ва техникии ташкилотҳои марбут ба об ва афзоиши маблағгузорӣ дар ин самт аз ҳадафҳои муҳими Даҳсолаи байналмилалӣ амал «Об — барои рушди устувор» ба шумор рафта, барои ҳалли масъалаҳои мазкур мусоидат хоҳад намуд.

Аз рӯи таҳқиқоти гурӯҳи дигари коршиносон, шумораи аҳолии сайёра то соли 2050 зиёда аз 9 миллиард нафарро ташкил хоҳад дод, ки ин ҳолат ба афзоиши истеъмоли об боис мегардад. Ба иқрори коршиносон бар асари таъсири тағйирёбии иқлим дар давраи зикршуда, аллакай зиёда аз 50 фоизи аҳолии ҷаҳон бо мушкили норасоии об рӯбарӯ мегардад. Бар замми ин, раванди биёбоншавӣ, афзудани офатҳои табиии вобаста ба об, ки ба захираҳои обӣ ва сифати он таъсири манфӣ мерасонанд, аз ҷомеаи ҷаҳонӣ татбиқи ҷораҳои фаврӣ ва амалиро талаб мекунанд.

Чунин дурнамои таҳдидовари ҷаҳони муосир дар самти об нишон медиҳад, ки маҳз ба ҳамин мақсад Даҳсолаи нави байналмилалӣ амал «Об — барои рушди устувор» аз ҷониби СММ қабул гардида, имрӯз дар ҳоли амалишавист.

Қобили қайд аст, ки Тоҷикистон аз лиҳози захираҳои обӣ бой буда, зиёда аз 50%-и сарчашмагирии ҳавзаи баҳри Арал ба ҳудуди он рост меояд. Дар маҷмӯъ 55,4 дарсади захираҳои оби ҳавзаи баҳри Арал ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон рост омадааст. Аз ин ҷост, ки кишвари мо аз ҳисоби боигарии захираҳои об дар миқёси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баъди Федератсияи Россия дар ҷои дуюм, дар миқёси Осиёи Марказӣ дар ҷои якум ва аз ҳисоби обҳои ширини нӯшокӣ дар ҷаҳон дар даҳгонаи аввал ҷой дорад. Инчунин, дар асоси арзёбии созмонҳои байналмилалӣ Тоҷикистон аз рӯи 98 дарсади истеҳсоли «энергияи сабз», яъне нерӯи аз ҷиҳати экологӣ тоза, ба қатори шаш кишвари пешсафи сайёра шомил гардида, бо истеҳсоли ин намуди энергия имконияти ба атмосфера кам партофт шудани газҳои гулхонавиро дорад. Аз чунин далелҳо бармеояд, ки имрӯз Тоҷикистон ба мушкилоти ҷиддии норасоии об дар ҳоли бархӯрд қарор нагирифтааст чунин пешниҳодот ва мувоҷеҳ шудан ба проблемаи соҳаи об аз ғамхорӣ нисбат ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки имрӯз қисме аз манотиқи сайёра ба норасоии оби ошомиданӣ рӯбарӯ шудаанд, дарак медиҳад.

Дар фарҷом ёдрас менамоем, ки Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», барои солҳои 2018-2028 аз 22 марти соли 2018 мавриди амал қарор гирифта , 22 марти соли 2028 ба анҷом мерасад. Аз рӯи таҳлилҳо имрӯзҳо ҷомеаи ҷаҳонӣ нисбат ба саҳми Қатъномаи мазкур ҷиҳати аз байн бурдани мушкилоти дар самти об вуҷуддошта боварию эътиқод зоҳир намудаанд ва итминон аст, ки Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» ҷиҳати аз байн бурдани таҳдидҳо нисбат ба зиёд шудани норасоии оби ошомиданӣ миёни бошандагони сайёра саҳми назаррасеро соҳиб хоҳад шуд.

**Суғдмеҳри МАЪРУФЗОД**

# ТАВСИЯҲОИ ТАБИБИ КӮДАКОНА

## ОЁ ДАРУНРАВӢ БАРОИ КӮДАКОН ХАТАРНОК АСТ?

Дарунравӣ ё худ исҳол тавассути беобгардонии организм метавонад боиси фавти кӯдакон гардад. Дарунравӣ (диарея) дар марҳалаи ҳозира дар байни дигар бемориҳои кӯдакона ҷойи асосиро ишғол менамояд ва яке аз сабабҳо мебошад, ки фавти ҳам кӯдакон ва ҳам навзодонро асоснок менамояд. Ин беморӣ барои соҳаи тандурустии бисёре аз мамлакатҳо, аз ҷумла Тоҷикистон мушкилоти ҷиддиро эҷод мекунад. Мувофиқи нишондодҳои Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ ҳамасола дар ҷаҳон зиёда аз 1,5 млн. кӯдаки синни то 5-сола аз дарунравӣ талаф меёбанд.

Сабабгори асосии дарунравӣ ин микробҳое мебошанд, ки дар наҷосат ҷойгир шуда, ба организм ба воситаи даҳон дохил мешаванд. Бо фаро расидани гармӣ шумораи бемориҳои дарунрав якбора зиёд мегардад, чунки микробҳои касалиовар дар шароити гармӣ зуд афзоиш меёбанд.

Ин махсусан дар ҷойҳое бештар ба назар мерасад, ки партовҳо саривақт тоза ва қоидаҳои беҳдошти ва вогирӣ нағз риоя карда намешаванд.

Ба ғайр аз ин, ба дарунравӣ зиёдтар кӯдаконе дучор мешаванд, ки ба ҷойи шири модар ҳар гуна ғизоҳои сунъӣ истеъмол менамоянд. Синамаконӣ имкон медиҳад, ки кӯдакон камтар ба дарунравӣ дучор гарданд. Шири модар манбаи беҳтарини моеъ ва ғизо барои кӯдакони мубталои дарунравӣ мебошад, зеро серғизо буда, барои баланд бардоштани дараҷаи сироятнопазирии кӯдак ёрӣ мерасонад. Беҳуда нагуфтаанд, ки:

***Шири модар шираи ҷони ман аст,***
***Аз тамоми дард дармони ман аст.***

Риоя намудани тозагӣ кӯдакро аз дарунравӣ эҳтиёт менамояд. Яке аз манбаъҳои сироятёбии кӯдакон ин тамос бо бемори сироятёфта мебошад, ки дар вақти беморӣ тавассути қайкунӣ ва наҷосат микробҳои зиёдро хориҷ менамояд. Бисёре аз кӯдакон баъди нӯшидани оби ноҷӯшида сироят меёбанд. Дар баъзе ҳолатҳо, ношуста истеъмол намудани меваю сабзавот низ метавонад сабабгори пайдо шудани дарунравӣ гардад. Чуноне ки қайд намудем, бештар кӯдаконе мубталои бемории дарунрав мегарданд, ки шири сунъӣ истеъмол менамоянд. Чунки шишачаҳо ва пистонакҳое (соска), ки тавассути онҳо ба кӯдак ғизо медиҳанд, пурра безарар гардонида намешаванд. Барои пешгирии дарунравӣ, мувофиқи шароити ҷойдошта ҳамаи наҷосатро партофта, парпечи (подгузник) кӯдакро саривақт иваз намудан лозим аст. Инчунин, баъди қазои ҳоҷат, пеш аз таом ва пеш аз маконидани кӯдак дастро ҳатман бо собуни моеъ шустан лозим аст. Танҳо оби ҷӯшонидашударо истеъмол намудан лозим аст. Барои додани ғизои кӯдакон аз истифодаи шишачаҳо ва пистонак худдорӣ намуда, ба кӯдак бо қошуқча ғизо додан лозим аст. Яке аз роҳҳои пешгирии дарунравӣ ин мубориза бар зидди пашшаҳо аст, ки омили асосии паҳн шудани ин беморӣ мебошанд.

Дигар ин, ки дар асоси тавсияҳои Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ аз соли 2009-ум барои мубориза ва пешгирии сирояти ротавирусӣ ваксинаи (ротарикс) дар амалия истифода бурда мешавад. Дар Тоҷикистон бошад, аз соли 2014 барои кӯдакон аз синни 2-3-моҳагӣ истифода бурда мешавад, ки фавти кӯдаконро аз ин бемории вазнин якчанд маротиба пешгирӣ менамояд.

Аломатҳои асосии дарунравӣ ин дар як рӯз 3 маротиба ё аз ин бештар зоҳир шудани наҷосати обакӣ мебошад. Баъзан беморӣ аз қайкунӣ оғоз меёбад. Қайкунӣ низ 2-3 маротиба ё пай дар пай оғоз меёбад. Зуҳуроти дигари беморӣ бетоқатӣ, ҳарорати баланд, ташнагии сахт, хушкшавии луобпардаҳои даҳон, фурӯравии чашмҳо ба косахонаи сар, хушкии пусти бадан ва кам шудани пешоби кӯдак мебошанд.



Агар аз як тараф нишонаҳои камобии бадан вазнинии ҳолати кӯдакро асоснок гардонанд, аз тарафи дигар дар аснои таби баланд захролудии бадан зиёд мешавад. Ин метавонад дар муддати кӯтоҳ сабабгори носомонии кори дилу шушҳо ва системаи асабу гурдаҳо гардад. Волидайн бояд дар хотир дошта бошанд, ки ҳар қадар ҳарорати кӯдак баланд шавад, дарунравӣ ва қайкунӣ бештар бошад, ҳамон қадар беморӣ вазнинтар мегузарад. Дар ҳолати пайдо шудани ҳолатҳои зерин волидайн бояд ҳатман ба духтур муроҷиат намоянд;

1. Наҷосати обакии чандкарата дар муддати 1-2 соат;
2. Наҷосати хунолуда;
3. Дилбеҳузурӣ ва қайкунии паёпай;
4. Ҳарорати баланд;
5. Рад намудани ғизо;
6. Беҳолӣ ва хоболудии кӯдак;
7. Зиёда аз як ҳафта давом ёфтани дарунравӣ.

Баъзан волидайн дар он ақидаанд, ки истифодаи моеъ дарунравии кӯдакро зиёд менамояд. Бояд қайд намуд, ки ин ақида хатост. Ба кӯдаки мубталои ин беморӣ то тамом шудани дарунравӣ ҳарчи бештар моеъ нӯшонидан лозим мешавад. Ин имконият медиҳад, ки миқдори талафёфтаи оби организми кӯдак барқарор гардад. Волидайн бояд дар ин маврид ба тавсияҳои зерин диққати ҷиддӣ диҳанд:

Маконидани кӯдакро новобаста аз давом ёфтани дарунравӣ идома бидиҳанд. Модарон бояд аз ҳарвақта бештар ба кӯдак сина диҳанд.

Истифодаи зиёди моеъ, махсусан маҳлули намакдори регидронро давом диҳанд. Дар таркиби регидрон дар як воя 20 гр. глюкоза 3,5 гр. хлориди натрий, 2,9 гр. лимӯи турши натрий, 2,5 гр. бикарбонати натрий ва 1,5 гр. хлориди калий мавҷуд аст. Як воя (пакет) барои дар як литр оби ҷӯшонидашудаи ширгарм маҳлул намудани он пешбинӣ шудааст.

Ҳангоми дастрас намудани регидрон камобшавии организми кӯдакро бо истифодаи маҳлулҳои зерин пешгирӣ намудан мумкин аст:

1. Як литр оби ҷӯшонидашудаи ширгарм;
2. Чор қошуқчаи майда шакар;
3. Ним қошуқчаи майда намаки ошӣ.

Ҳангоми тайёр намудани ин маҳлул таркиби онро дуруст ҳисоб намудан лозим аст, зеро истифодаи шакари зиёд шиддати дарунравиро зиёд мегардонад. Намаки зиёд бошад барои кӯдак зарарнок аст.

Инчунин барои обиштарӣ (регидратсия) истифода бурдани биринҷоба, оби ҷӯшонидашуда, зардолуоб, шарбати меваи тару тоза, ҷӯшонидани пӯсти анор, оби мавиз, ҷурғот, шӯрбои сабзавот ва биринҷ тавсия дода мешавад.

Кӯдаконе, ки омехтаҳои шири мутобиқшударо истеъмол менамоянд, бояд ҳар дафъа баъди дарунравӣ ба таври иловагӣ дар синни то дусолагӣ аз чаҳоряк то нимкосаи калон моеъ истеъмол намоянд. Агар дар кӯдак дилбеҳузурӣ ва қайкунӣ мушоҳида шавад, бояд тахминан 10-15 дақиқа танаффус намуда, обиштариро давом додан лозим аст.

Дар хотир доред, ки ба кӯдак ҳангоми дарунравӣ додани антибиотикҳо ва дигар доруҳое, ки духтурон таъин накардаанд, мумкин нест.

**Файзалӣ Саидов,**
Муовини директори МД МТ "Истиқлол" оид ба хизматрасонии тиббӣ ба кӯдакон

# ДАР МУБОРИЗА АЛАЙҲИ БЕМОРИИ СИЛ НАБОЯД ШИКАСТ ХӮРД!

Тибқи маълумотҳои Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ ҳар сол беш аз 10 миллион одам дар саросари ҷаҳон гирифтори бемории сил мегардад. Агарчӣ бемории сил табобатшаванда аст, аммо то ҳанӯз ҳамасола қариб ду миллион нафар аз ин беморӣ ба ҳалокат мерасад. Паст будани сатҳи огоҳии аҳли ҷомеа оид ба бемории сил омили аслии паҳншавии ин беморӣ ба шумор меравад.

“Бо бемори мубталои сил муносибат намудан дар баъзе ҳолатҳо бехад душвор аст, чун баъзе аз беморон сирояткунанда будани маризии худро ба тариқи зарурӣ қабул карда наметавонанд. Ба ин хотир, моро зарур меояд, ки бо чунин нафарон ҷиҳати фаҳмонидани моҳияти табобат ва риоя намудани қоидаҳои санитарӣ дар сатҳи баланд фаъолият намоем”. Ин нуктаро табибони Маркази мубориза бар зидди бемории сили ноҳияи Рашт, зимни суҳбат бо мо баён намуданд.

Сафари мо, дар якҷоягӣ бо як қатор рӯзноманигорон ба минтақаи Рашт, маҳз бо мақсади шиносоӣ аз рафти корҳо дар мубориза алайҳи бемории сил ва ҷиҳати шиносоӣ бо чораҳои амалишавии барномаҳо ва тадбирҳои зиддисилӣ сурат гирифт, ки ин иқдом бо ташаббуси Барномаи USAID оид ба мубориза бар зидди бемории сил дар ҳамкорӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯи даст гирифта шудааст.

Хотиррасон менамоем, ки ҳар соле ду маротиба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳамкориҳо бо Барномаи USAID оид ба мубориза бар зидди бемории сил баҳри баланд бардоштани саводнокии аҳолӣ нисбат ба бемории сил ва ҷоннок намудани мубориза алайҳи маҳви ин маризӣ тариқи ВАО, сафари омӯзишии рузноманигоронро ба минтақаҳои гуногуни кишвар ташкил менамояд, ки ин навбат рӯзноманигорон ба минтақаи Рашт сафарбар гардиданд.

Дар рафти сафари омӯзишӣ мо аз чор ноҳияи минтақаи Рашт-Нуробод, Рашт, Тоҷикобод ва Лахш дидан намудем. Марказҳои мубориза бар зидди бемории сили ноҳияҳои зикргардида, фаъолияти густурдаеро роҳандозӣ намудаанд. Таъмин будани муассисаҳо бо лавозимоти тиббии замонавӣ, доруворихои зиддисилӣ, дар минтақа фаъол будани таҷҳизоти инноватсионии тибби фосилавӣ аз таваҷҷуҳи бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикстон дар ҳамкорӣ бо Барномаи USAID оид ба мубориза бар зидди бемории сил, нисбат ба ин намуди маризӣ шаҳодат медод.

Зимни суҳбат бо аҳолии минтақаи Рашт, табибон ва намояндагони кумитаҳои маҳаллии тандурустӣ аён гардид, ки дар баробари он ҳама шароитҳои муҳайёгашта мутаасифона то ба ҳол миёни аҳолӣ ақидаҳои ғалат нисбати бемории сил мавҷуд будаанд. Дурӣ ҷустани бархе сокинон аз нафари гирифтори ин маризӣ, дар баъзе ҳолат пинҳон намудани нафари гирифторшуда ба ин беморӣ аз ҷониби аҳли оила аз мушкилоти ҳалталаб ва нигаронкунандаи соҳа ҳисобида мешавад. Вале табибон бар он назаранд, ки бемори гирифтори маризии сил дар бештари ҳолат хислатҳои манфӣ пайдо мекунад, аз қабили дарк накардани сироятӣ будании бемории худ, риоя накардани қоидаҳои бехатарӣ, саркашӣ намудан аз табобат, ки чунин ҳодисаҳо дар бештари мавридҳо аз ҷониби нафари ба сили мутобиқгашта сар мезанад.

Воқеан афзоиш ёфтани бемории сили мутобиқгашта ва шаклҳои васеи сили мутобиқгашта аз мушкилоти ҷаҳонии бемории сил дониста мешавад. Олимони соҳа яке аз сабабҳои аслии афшоиши ин намуди маризии силро дар канда кардани табобат аз ҷониби беморони сили оддӣ меҳисобанд, ки дар натиҷа бемори сили оддӣ ба сили мутобиқгаштаи ин маризӣ гирифтор мешавад.



Хушбахтона таи солҳои охир гирифторшавии сокинони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бемории сил торафт коҳиш ёфта истода, инчунин бо рӯи даст гирифтани чораҳои амалӣ вобаста ба мубориза алайҳи ин намуди маризӣ пойгоҳи ташхис ва табобати он мустаҳкам гардидааст. Аммо дар ин росто айни замон ҷиҳати нигаронкунанда дар ин масъала гирифторшавӣ ба бемории шакли васеи мутобиқгаштаи сил мебошад. Чунин беморон ба қисми зиёди доруҳо мутобиқ буда, барои атрофиён хавфнок маҳсуб меёбанд. Бо назардошти табобати фарогири чунин беморон дар Маркази бемориҳои сил, шуш ва ҷарроҳии қафаси сина шуъбаи махсус таъсис дода шуд. Он ҷо беморон якчанд муддат табобати дармонгоҳӣ мегиранд ва баъдан табобати онҳо дар муассисаҳои ёрии аввалияи тиббӣ ва санитарӣ идома меёбад.

Бо иқдоми бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд дар моҳҳои аввали соли 2017 дар ҷумҳурӣ маводи дорувории маҳвкунандаи навъи васеи мутобиқгаштаи сил, бо номи Бедаквилин (bedaquiline) ворид карда шуд. Бояд қайд намуд, ки таи солҳои 2014-2015 зиёда аз 40 давлати ҷаҳон, аз ҷумла, Гурҷистон, Арманистон, Ӯзбекистон, Русия, Африкаи Ҷанубӣ ва ғайра бо истифодаи дорувории Бедаквилин табобати беморони бо шакли васеи мутобиқгаштаи сил оғоз намуда, дар ин ҷода ба натиҷаҳои назаррас ноил гардиданд.

Ба иттилои дастрас Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар соли 2016 барои маводҳои доругии зиддисили қатори якум 1-миллион сомонӣ ҷудо карда бошад, ин шумора дар соли 2017 ба 1,5 миллион сомонӣ расонида шудааст. Ғайр аз ин, ҳукумати кишвар таъмини ғизонокии беморони силро ба уҳда гирифтааст.

Ин ҳам дар ҳолест, ки дорувории зиддисилии Бедаквилин (bedaquiline) аввалин доруи нав мебошад, ки аз соли 1960 барои табобати бемории сил тасдиқ шудааст. Ҷиҳати хурсандиовар он аст, ки бо пеш рафтани сатҳи технологияи тиббӣ имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун дигар мамолики сайёра ҳассосияти доруҳои зиддисилиро дар ду соат муайян менамоянд, ки қаблан дар ду моҳ муайян карда мешуд.

Бедаквилин аз ҷараёни тезонидашудаи тасдиқ барои истифода дар Иёлоти Муттаҳидаи Америка моҳи декабри соли 2012 гузашт ва он барои табобати маризони шакли мутобиқгаштаи сил истифода мешавад.

Ин ҳам дар ҳолест, ки бемории сил аз давраҳои дерина ва то ба имрӯз ҳамчун проблемаи хеле муҳими иҷтимоӣ ва тиббӣ арзи вуҷуд дорад. То асри XX бемории сил воқеан табобатнопазир буд. Айни замон барномаи маҷмӯавӣ таҳия карда шудааст, ки барои ошкор намудан ва табобат намудани ин беморӣ дар марҳилаҳои ибтидоии инкишофи он имконият фароҳам меорад. Дар идома месазад қайд намуд, ки тибқи маълумоти охирини Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ шумораи гирифторони бемории сироятии сил дар ҷаҳон 10 миллион нафарро ташкил медиҳад. Бо вуҷуди он ки бемории сил табобатшаванда аст, вале бадбахтона ҳамасола наздики ду миллион нафар аз ин беморӣ ба доми марг меафтанд.

Бояд қайд намуд, ки пайдоиши маводи дорувории зиддисилии нав мисли Бедаквилин барои саривақт фарогирии беморони гирифтори ШВМС дар Тоҷикистон ба табобати зарурӣ имконият дода, барои ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас дар самти табобат ва боздошти фавти беморони гирифтони ШВМС мусоидат хоҳад кард.

Мувофиқи омори расмии ҷаҳонӣ кишварҳое, ки шумораи бештари беморони сил дар онҳо маскунанд, ин Покистон, Ҳиндустон, Бангладеш, Тайланд, Индонезия, Филиппин, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Бразилия, Мексика, Эфиопия, Амрикои Шимолӣ ва Русия мебошанд.

Дар ин росто месазад зикр намуд, ки ҳарчанд кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ба рӯйхати сиёҳи давлатҳои ба бемории сил гирифторбуда шомил нестанд, вале ҳар як беморро мебояд дар решакан намудани ин беморӣ ва ҳифзи сатҳи сиҳатии худу атрофиёнаш талош намояд. Новобаста ба он ки шароити иқтисодии бемор чӣ гуна аст, ӯ ҳуқуқ дорад бистарӣ шавад ва табобат гирад. Бори дигар хотиррасон бояд шуд, ки табобати бемории сил дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ройгон ба роҳ монда шудааст. Дар ин росто нафари мубталои силро месазад, ки саривақт ба табобат фаро гирифта шуда, сатҳи сиҳатии худро таъмин намояд.

**Суғдмеҳри МАЪРУФЗОД**

# Раҷаббой Аҳмадзода: Ба истиқболи 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ беш аз 260 иншооти соҳаи тандурустӣ бунёд ва навсозӣ карда мешавад

Тавре Хадамоти матбуоти Раиси вилояти Суғд иттилоъ дод, 15 августи соли 2018 дар Кохи фарҳанги ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии маркази вилоят бо иштироки Раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ба муносибати Рӯзи кормандони соҳаи тиб ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид.

Раиси вилоят Раҷаббой Аҳмадзода зимни суханронии худ кулли кормандони соҳаи тибби вилоятро бахшида ба иди касбиашон, ки ба рӯзи мавлуди алломаи Машриқзамин, падари табибони олам Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино рост меояд, табрик гуфт. Таъкид гардид, ки табибони вилоят иди касбии хешро бо шукргузорӣ аз сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дастовардҳои назарраси меҳнатӣ истиқбол гирифта, баҳри боз ҳам баланд бардоштани сифати хизматрасонии тиббӣ кӯшиш ба харҷ дода истодаанд.

Раиси вилоят ибрози дошт, ки бо дастру ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят пайваста барои баланд бардоштани мақоми табибон ва беҳтар гардидани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ тадбирҳои амалӣ меандешад. Ин аст, ки агар дар соли 2003 аз буҷети вилоят барои соҳаи тандурустӣ ҳамагӣ 9,4 миллион сомонӣ маблағ ҷудо шуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2018-ум ба 391 миллион сомонӣ баробар шуд, ки нисбати понздаҳ соли пеш қариб 42 маротиба зиёд мебошад. Ҳамзамон, дар нимсолаи аввали соли равон аз буҷети вилоят ба соҳаи тандурустӣ 172,9 миллион сомонӣ маблағ ҷудо карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 21,8 фоиз зиёд аст.

Иттилоъ дода шуд, ки имрӯзҳо бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони биноҳои нави Беморхонаи ноҳиявии №3-юми ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, шӯъба дар таваллудхонаи шаҳрии шаҳри Панҷакент, шӯъбаи ҷарроҳии Беморхонаи шаҳри Конибодом ва шӯъбаи таваллуди Беморхонаи марказии ноҳияи Деваштич, бинои нави Беморхонаи минтақавии Ҷамоати деҳоти Урметани ноҳияи Айнӣ, Беморхонаи марказии ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ, инчунин 15 Маркази саломатӣ дар ноҳияҳои Деваштич, Ҷаббор Расулов, Мастчоҳ, 21 бунгоҳҳои саломатӣ дар шаҳрҳои Панҷакенту Истаравшан ва ноҳияҳои Айнӣ, Ашт, Кӯҳистони Мастчоҳ ва Деваштич идома дорад.



Бо мақсади сазовор истиқбол гирифтани ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маблағгузорӣ аз ҳамаи сарчашмаҳо сохтмон, таъмир ва азнавсозии 267 иншооти тандурустӣ ба маблағи 165,7 миллион сомонӣ ба нақша гирифта шуда, дар ин самт корҳо аллакай оғоз гаштаанд. Аз ҷумла, рӯзи гузашта бо ба бунёди бинои нави табобатии Маркази бемориҳои дил ва ҷарроҳии дилу рагҳои вилоят ба номи профессор Амонулло Орифов санги асос гузошта шуд.

Масъалаи таъминоти муассисаҳои тиббӣ бо мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва миёнаи тиббӣ яке аз масъалаҳои аввалиндараҷаи соҳа маҳсуб ёфта, аз оғози сол то имрӯз 61 нафар мутахассисони дорои маълумоти олии тиббӣ, аз ҷумла 34 нафар мутахассисони ҷавон тибқи роҳхати Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор қабул гаштаанд. Дар маҷмӯъ имрӯзҳо ба аҳолии вилоят 5025 нафар табибон ва 16 ҳазору 659 нафар кормандони миёнаи тиббӣ ва 6359 кормандони хурди тиб хизмати тиббӣ расонида истодаанд.

Ҳифз ва таъмини беҳдошти саломатии модарону кӯдакон барои ҳар миллату давлат муҳим буда, бо ин мақсад тибқи қарорҳои Раиси вилоят “Дар бораи расонидани кӯмакҳои антинаталӣ ба занҳои ҳомила”, «Дар бораи таъмини хуни бехатари донорӣ», «Дар бораи таъмини кӯдакони синни то 3 сола ва маюбони модарзод бо доруворихо» ҳамасола 232 ҳазор сомонӣ ҷудо карда мешавад.

Раҷаббой Аҳмадзода инчунин аз камбудиҳои соҳаи тандурустӣ вилоят низ ёдовар шуд ва барои ислоҳи онҳо дар назди масъулин вазифагузорӣ намуд. Изҳори боварӣ карда шуд, ки ҷаҳду талошҳо ва меҳнату заҳмати ҳазорон нафар табибони вилоят барои болоравии маърифати санитарии аҳолӣ, расидан ба нишондиҳандаҳои мусоиди вазъи саломатии сокинон, алалхусус модарону кӯдакон, тарғиби тарзи ҳаёти солим, коҳиш додани бемориҳои сироятӣ ва аҳамияти иҷтимоидошта, ташаккули ҷисмонии наврасону ҷавонон натиҷаҳои назаррас ба бор меоранд.

Дар вазъияти тантанавӣ аз ҷониби Раиси вилоят ба 20 нафар собиқадорони соҳаи тандурустӣ тӯҳфаҳои хотиравӣ ва ба 9 нафар ғолибони озмуни вилоятии “Беҳтарин сартабиби муассисаи тандурустӣ” ба миқдори аз 2 то 10 000 сомонӣ мукофотпулиҳо тақдим карда шуд.

Дар охир аз ҷониби санъаткорони вилоят барномаи рангини фарҳангӣ пешниҳод карда шуд.

**"ШИФО"**



Ҳайати эҷодии нашрияи "ШИФО" зодрӯзи падари табибони дунё Абуалӣ ибни Сино ва Рӯзи кормандони соҳаи тибро ба кулли табибони кишвар шодбош гуфта, барои якояки онҳо тандурустиву комгорӣ ва хушбахтиву сарбаландӣ орзу менамояд. Ид муборак!



*Муассис: Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**

**Олимзода Насим Хоҷа** - вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
**Умарзода Саида Ғайрат** - муовини якуми вазир
**Одиназода Азиз Абдусаттор** - муовини вазир
**Камолзода Мирҳамуддин** - муовини вазир
**Содиқова Дилором Нуруллоевна** - ёрдамчии вазир
**Бекмуродзода Султон Бекмурод** - сардори Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ
**Холзода Абдулҳаким Қувват** - директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ
**Фазила Яфталиева** - директори Маркази матбуоти вазорат

**Сармуҳаррир**
**Эҳсон Турсунов**

**Котиби масъул, тарроҳ:**
**Комрони Абдуназар**

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**

**Суғдмеҳри Маъруфзод**
**Зайнаб Анварӣ**
**Иброҳим Ятимов**
**Суратгир: Айём Ҳусейнов**

Хафтанома тахти №058/РЗ-97 аз 20 – уми феврали соли 2018 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шудааст.

- Барои риояи гуногунандешӣ маводе низ ба табъ мерасанд, ки мухолифи дидгоҳи ҳайати эҷодист. Дурустии далелу рақамҳо бар дӯши муаллифон аст.
- Дар ҳафтанома аз маводҳову матолиби интернет низ истифода мегарданд.
- Маводҳо дар шакли электронӣ, бо ҳуруфи Times New Roman, андозаи 14 қабул карда мешаванд.

Ҳафтанома дар ЧДММ "Мега - принт" ба табъ мерасад.
Теъдоди нашр
5000 нусха

**Нишонӣ:**
**734025, ш.Душанбе, кӯч. Шевченко 69, тел.: 44-600-60-02**